**ХУЛОСАИ**
**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Парвандаи аттестатсионии №__**
**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 12-уми ноябри соли 2020, №14**

Барои сазовор донистани Охунзода Насруддин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи «**Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик»**, ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ рӯзи 11 августи соли 2020 (қарори № 5) аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-22 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, Фармоиши комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2020, № 61) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Охунзода Насруддин 7-уми ноябри соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Айни ҳол дар вазифаи котиби масъули нашрияи «Омӯзгор»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Муродӣ Мурод Бердӣ**.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Бобоҷониён Ранохон Маҳмудзода** – доктори илмҳои филологӣ, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. **Шарипов Сангимурод Исматуллоевич** – номзади илмҳои филологӣ, иҷрокунандаи вазифаи декани факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав».

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», дар тақризи мусбати худ, ки аз аз ҷониби мудири кафедраи журналистика ва назарияи тарҷума, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Комилов Каримбой Исломович имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, профессор Ҷӯразода Ҷамшед Ҳабибулло тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Охунзода Насруддин дар мавзӯи «**Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобии тоҷик**» бо навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, муаллифи он Охунзода

Насруддин сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевосита дар соҳаи журналистика ва публитсистикаи тоҷик буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок намуда, дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия муаллиф 16 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин шумора 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

**I. Маҷаллаҳои тасдиқнамудаи КОА ҶТ**

[1-М]. Охунзода, Н. Симои Пешвои миллат дар ду асари публитсистӣ / Н. Охунзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/7. – С. 299-303.

[2-М]. Охунзода, Н. Заминаҳои таърихии ташаккули образи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон / Н. Охунзода // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2017. – №5 (72). – С. 179-183.

[3-М]. Охунзода, Н. Иқдомҳои бунёдкории Пешвои миллат дар «Нақби Истиқлол» / Н. Охунзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 1. – С. 307-311.

[4-М]. Охунзода, Н. Нақши сулҳофарии Пешвои миллат дар публитсистикаи китобӣ / Н. Охунзода // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2019. – №1 (78). – С.234-239.

[5-М]. Охунзода, Н. Воқеияти иҷтимоӣ ва аносири ҳунарӣ дар «Мардистон»-и Шералӣ Мӯсо / Н. Охунзода // Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. – №1 (58). – С. 106-111.

**II. Маҷалла ва маҷмӯаҳои илмии дигар**

[6-М]. Охунзода, Н. Симои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобӣ / Н. Охунзода // Нақши ВАО дар таҳкими ваҳдати миллӣ (маводҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Нақши ВАО дар таҳкими ваҳдати миллӣ», 18 ноябри соли 2017). – Душанбе: Ирфон, 2018. – С. 69-79.

[7-М]. Охунзода, Н. Рушди матбуоти тоҷик дар даврони истиқлолият / Н. Охунзода // Маърифати омӯзгор. – 2018. – №5. – С. 57-59.

[8-М]. Охунзода, Н. Нигоҳи тоза ба публитсистикаи тоҷик / Н. Охунзода // Маорифи Тоҷикистон. – 2018. – №6. – С. 62-64.

[9-М]. Охунзода, Н. Нақши Пешвои миллат дар таҳкими забони давлатӣ / Н. Охунзода // Маорифи Тоҷикистон. – 2018. – №10. – С. 10-11.

[10-М]. Охунзода, Н. Дар шинохти суханварон / Н. Охунзода // Паёмномаи фарҳанг. – 2018. – №4(44). – С. 118-120.

[11-М]. Охунзода, Н. Бузургдошти устод Айнӣ дар осори Пешвои миллат / Н. Охунзода // Садриддин Айнӣ – маорифпарвар (маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ба ифтихори 140-солагии устод Садриддин Айнӣ). – Душанбе, 2018. – С. 231-239.

[12-М]. Охунзода, Н. Мактаби давлатсозии Пешвои миллат / Н. Охунзода // Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2018. – С. 33-36.

[13-М]. Охунзода, Н. Насри воқеъгароёна дар таҳқиқи нав / Н. Охунзода // Журналистикаи байналхалқӣ – X (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2019. – С. 144-148.

[14-М]. Охунзода, Н. Дирӯзу имрӯзи «оинаи маҳал» / Н. Охунзода // Журналистикаи байналхалқӣ – X (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 2019. – С. 159-162.

[15-М]. Охунзода, Н. Мактаби сулҳофаринии Пешвои миллат / Н. Охунзода // Маводи конференсияи назариявии байналмилалӣ бахшида ба 28-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 22-солагии Ваҳдати миллӣ дар мавзӯи «Ҷаҳонишавӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо дар замони муосир» (17-18 майи соли 2019, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав). – Бохтар, 2019. – С. 213-217.

[16-М]. Охунзода, Н. Нақши Пешвои миллат дар рушди илму маориф / Н. Охунзода // Маводи конфренсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Дипломатияи об ва омилҳои фарогири он дар бозтоби воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои Осиёи Марказӣ» (25-26 ноябри соли 2019, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон). – Душанбе, 2019. – С. 67-73.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Номзади илмҳои филологӣ, декани факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода» Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович дар робита ба автореферати рисола зикр намудааст, ки: дар маҷмӯъ, диссертант ба асарҳои калонҳаҷм ва чанд адабиёти ангуштшумор тарҷеҳ дода, онҳоро ҳамчун китоби меҳварӣ истифода намуда, ҳол он ки ҳастанд мақолаҳо ва осори хурд, ки дорои муҳтавои баланданд, вале аз мадди назар дур мондаанд; дар баъзе қисматҳои автореферат, аз ҷумла, фаслҳои боби дуюм нисбат ба таҳқиқ таҳлил бештар гардида, ки моҳияти илмии пажӯҳишро то андозае коҳиш медиҳад; қалами муҳаққиқ дар нигоштани фасли дуюми боби сеюм бештар ба самти адабиёт ғеҷида, ҷанбаи журналистика ноустувор мебошад.

2. Номзади илмҳои филологӣ, сардори Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Эҳсон эрод гирифтааст, ки дар фасли аввали боби дуюми автореферат на ҳамаи асарҳое, ки доир ба хидматҳои Пешвои миллат дар таъмину сулҳу

ваҳдат дар кишвар таълиф гардидаанд, таҳлилу баррасӣ шудааст; дар қисмати хулосаи автореферат натиҷаҳои пажӯҳиш пурра оварда нашудааст.

3. Номзади илмҳои филологӣ, раиси Шӯрои васоити ахбори оммаи Тоҷикистон Бахтиёр Ҳамдамов ба автореферати диссертатсия чунин эрод гирифтааст: агар дар автореферат ба таври фарохтар аз тариқи қиёс осори адибону публитсистон мавриди таҳлил қарор мегирифт, ҷанбаи илмии кор қавитар мегардид; дар автореферат баъзе ғалатҳои техникӣ ба чашм расид.

**Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд**, ки Охунзода Насруддин дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

– бо истифода аз адабиёти зиёди илмӣ ва публитсистию бадеӣ заминаҳои таърихии ташаккули образи Эмомалӣ Раҳмонро **нишон додааст**;

– вижагиҳои тасвири корнамоиҳои Пешвои миллатро дар асарҳои алоҳидаи публитсистиву бадеӣ **муайян намудааст;**

– таносуби воқеияти иҷтимоӣ ва нақши аносири ҳунариро дар офаридани симои шахсияти таърихӣ **баррасӣ кардааст;**

– дар заминаи таҳқиқи мавзӯъ вижагиҳои мавзӯиву жанрии осори публитсистию бадеӣ, қобилият ва маҳорати адибону публитсистон дар инъикоси образи Пешвои миллат **ошкор шудааст.**

– вижагиҳои хосси осори адибону публитсистон ва маҳорату қобилияти эҷодию онҳо дар бозтоби симои Пешвои миллат **исбот шудааст**;

– таҳқиқоти мазкур дар илми публитсистикашиносии тоҷик бори аввал **коркард шудааст**.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** маводи диссертатсия ва пажӯҳишу ковишҳои таҳқиқот донишҳои назарии публитсистикашиносиро нисбатан пурра намуда, ҳангоми навиштани мақолаҳо ва таълифи рисолаҳои илмӣ, баррасии паҳлуҳои ҷудогонаи осори публитсистии марбут ба корнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд ба таҳаввул ва инкишофи публитсистика дар замони муосир, муносибати публитсистон ба воқеияти иҷтимоӣ, ҷанбаҳои сотсиологӣ, маърифатӣ ва ҳунарии публитсистика ва амсоли ин истифода шуда метавонад.

Дар диссертатсия аз методҳои таҳлили анъанавӣ, таърихӣ-филологӣ ва усули қиёсӣ-таърихии осори публитсистӣ **истифода шудааст.**

**Исбот шудааст, ки** диссертатсия дар омӯзиши ҳаматарафаи саҳми публитсистон дар инъикоси раванди бунёдкориҳо, сохтмони иншооти азим, нақши шахс дар давлатдории миллӣ судманд аст.

Дар диссертатсия таълифот ва коркардҳои ҷудогонаи назарӣ ва амалии донишмандони маъруфи соҳа, мисли М. Черепахов, В. Горохов, В. Афанасев, Е. Журбина, В. Учёнова, Е. Прохоров, А. Тертичний, осори муҳаққиқони тоҷик А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, М. Имомзода, П. Гулмуродзода, М. Абдуллозода, А. Азимов, М. Муродӣ, Ҷ. Садуллоев, М. Муқимов, Ш. Муллоев, С. Гулов, А. Қутбиддинов ва дигарон дар соҳаи назария ва амалияи публитсистика **омӯхта шудаанд.**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** натиҷаҳои таҳқиқ дар раванди таълими фанҳои тахассусии журналистика, таҳлили матни публитсистӣ, навиштани китобҳои дарсӣ, таҳияи воситаҳои таълимӣ, омода намудани курсу семинарҳои махсус дар факултету шуъбаҳои журналистикаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонанд мавриди истифода қарор гирад. Ҳамчунин, маводи диссертатсия барои журналистону публитсистон дар раванди фаъолияти касбӣ хизмат расонида метавонад.

**Ғоя** дар асоси омӯзиш ва истифодаи афкори донишмандони соҳа, аз ҷумла, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, М. Имомзода, М. Абдуллозода, М. Муродӣ, Ҷ. Садуллоев ва дигарон **асоснок карда шудааст.**

Асарҳо ва таҳқиқотҳои А. Раҳмонзода, М. Муродӣ, С. Гулов, А. Қутбиддинов ва осори публитсистии «Нақби Истиқлол», «Меъмори ваҳдат», «Мардистон», «Достони Роғун», «Ҷасорат», «Корномаи Эмомалӣ Раҳмон», маҷмӯаҳои «Пешво – ифтихори миллат», «Бахтофарин» **истифода шудаанд.**

Дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқ заминаҳои таърихии ташаккули образи Эмомалӣ Раҳмон, вижагиҳои тасвири корномаҳои Пешвои миллат дар публитсистикаи китобӣ, таносуби воқеият ва бадеият дар осори публитсистии марбут ба Пешвои миллат, имконоти жанрҳои публитсистӣ ва ҳунари муаллифон дар офаридани симои шахсияти таърихӣ **муайян шудаанд**.

**Саҳми фардии** муҳаққиқ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар муддати 4 сол дар баробари фаъолияти рӯзноманигорӣ ба ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таҳлилу баррасии осори публитсистӣ, таснифи маводи гирдовардашуда ба гурӯҳҳои муайян машғул гардида, дар ин самт мақолаҳои зиёдеро таълиф намуда, дар конфронсҳои сатҳи гуногун маърӯзаҳо кардааст.

Дар ҷаласаи рӯзи 12.11.2020 Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди ДМТ қарори сазовор донистани Охунзода Насруддин ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қабул гардид.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 17 нафар иштирок доштанд, аз инҳо 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ. Аз 20 нафар аъзои ба ҳайати Шӯрои диссертатсионӣ шомилбуда, овоз доданд: тарафдор – 17 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Муовини раиси Шӯрои диссертатсионӣ, профессор** **Садуллоев Ҷ. М.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент** **Гулназарова Ж. Б.**